# 6247 - Ҳукми гирифтани шаҳрвандии давлати кофир

**савол**

Ҳукми гирифтани шаҳрвандии давлати кофир чист?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ин саволро ба шайх Абдуллоҳ ибни Ҷибрин пешниҳод кардем, (Аллоҳ таъоло ӯро ҳифз кунад) чунин ҷавоб дод:

Касе ба дархости шаҳрвандии давлати кофир маҷбур шавад, ба монанди касе ки дар кишвари худ таҳти пайгард қарор гирифта ва паноҳгоҳе пайдо накунад, пас дар ин ҳолат, барои ӯ гирифтани шаҳрвандии давлати кофир ҷоиз аст, ба шарте ки ӯ дар он кишвар дини худро зоҳир намояд (яъне ошкоро ба дини худ амал кунад) ва бар адо намудани шиорҳои динӣ қодиру тавоно бошад. Аммо дар мавриди гирифтани шаҳрвандии давлати кофир танҳо ба хотири манфиати дунявӣ, ман онро ҷоиз намедонам.

Аллоҳ донотар аст.